# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсия ва автореферати Сафарова Зарррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психолоогӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз руйи ихтисоси 19.00.05-Психологияи иҷтимоӣ пешниҳод карда шудааст**

Дар ҷомеаи муосир пошхӯрии оилаҳо, ба мушкилотҳои психологию иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дучор гардидани модарону кӯдакон, яке аз масъалаҳои муҳими тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ, аз он ҷумла психологӣ – педагогӣ гардидаанд. Маҳз шароити номусоиди психологӣ- маънавии оила ба инкишофи шахсияти кӯдак дар давраи томактабӣ таъсири худро мерасонад. Махсусан, дар муҳити оилаҳои нопурра ё худ пошхурда муносибатҳои байнишахсии кӯдакон бо модар, кӯдак бо кӯдакон, кӯдакон бо пайвандон-бобою бибӣ, хешовандони наздик хусусиятҳои ба худ хоси психологӣ доранд, ки онхо дар шаклгирии шахсияти онҳо аксгузор мегарданд. Тадқиқоти илмии Сафарова Заррина Раҷабовна ба омӯзиш, амиқӣ, таҳлил ва баррасии масъала, мушкилотҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои синни томактабии оилаҳои нопурра дар муқоиса бо оилаҳои пурра бахшида шудааст.

Арзишмандии илмӣ ва амалии рисолаи тадқиқотии З.Р.Сафароваро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

1. Дар муқаддима сохтори илмии рисоладуруст ва бо системаи муайян ҷобаҷогузорӣ карда шудааст. Ҳамаи ҷузъҳои таркибӣ ва сохтории он мантиқан бо ҳам алоқаманд буда, имконият додаст бобҳои аввал ва дуюми диссертатсия мантиқан бо ҳам дар алоқаманди роҳандозӣ карда шаванд.
2. Тадқиқу баррасии масъалаҳои оила, муносибатҳои байнишахсии оилавӣ ва таъсири онҳо ба ташаккулёбии шахсияти инсон, махсусан, кӯдаконяке аз масъалаҳои мубрами соҳаи илми ҷомеашиносӣ, аз он

ҷумла психология мебошад. Махсусан, пошхӯрии оилаҳо, ки дар ин раванд осебпазиртарин табақа кӯдакон мегарданд ва минбаъд дучори муносибатҳои байнишахсии оилавӣ мешаванд,ба ташаккулёбии шахсияти онҳо таъсир мерасонанд. Тадқиқи мушкилотҳои психологии байнишахсии дохилиоилавӣ ҳамгирои тадқиқотҳои психологӣ, педагогӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, фалсафӣ ва ғайраҳо талаб мекунад, ки диссертант тавонистаст чунин принсипҳоро риоя намояд.

Таҳлилҳои СафароваЗ.Р. нишон медиҳанд, ки мушкилотҳои эмотсионалии кӯдакони синнитомактабӣ, изтиробнокии онҳо дар тадқиқотҳои олимонихориҷӣ (Ҷ.Боулбӣ, Д.Б.Элконин, П.И.Божович, В.С.Мухинавадигарон) дар самтҳои гуногун мавриди тадқиқу баррасӣ қароргирифтаанд, кионҳозаминаиилмӣ – назариявии тадқиқоти мазкурро ташкилнамудааст.

Муҳақиқ дар заминаи таҳлили психологияи муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои тарбияи демократӣ, авторитарӣ пайдоиши навташкилаҳои шахсӣ, шаклгирии хусусиятҳои шахсӣ – психологӣ ва гайраҳопроблемаҳом психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабиро дар муқоисаи оилаҳои нопурра ва пурра муайян намудааст. Мушкилотҳои моддӣ, психологӣ, иҷтимоӣ, ки бо оилаҳои нопурра хос аст ва онҳо низ ба муҳити психологии оила куллан ва дар алоҳидагӣ ба ҳар як кӯдак таъсири хос мерасонанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Афзоиши оилаҳои нопурра, ки солҳои охир тибқи маълумоти оморӣ дар Тоҷикистон хеле зиёд ба назар мерасанд ин вазъият ба Сафарпова З.Р. имконият додааст, оилаҳои нопурраро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор диҳад, ки онҳо на бо сабаби марги яке аз волидон, балки бо сабаби аз ҳамдигар ҷудо шудани онҳо ба вуҷуд омадаанд. Инчунин, бо баробари таҳлили сарчашмаҳои пайдошавии оилаҳои нопурра, оилаҳое мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки дар навбати аввал носолимии оиларо ба миён оварда,минбаъд ба парокандагӣ, вайроншавӣ бурда мерасонад. Дар натиҷа ҳукмфармоии мушкилотҳо ба

монанди:пастшавии сатҳи зинадагӣ ва бадшавии шароити нигоҳубини кӯдак, норасоӣ ё набудани муошировати боварибахшу эмотсионалӣ, заминаи номусоиди инкишофи эмотсионалӣ, маънавӣ, муносибати бераҳмона, беэътиноӣ нисбати талаботу манфиатҳои кӯдак ва ғайраҳо ба вуҷуд меоянд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити кунунии Тоҷикистон ҳайати асосии оилаҳои нопурраро модар бо як ва ё якчанд фарзандон ташкил менамояд. Проблемаҳои оилаҳои нопурра, ки падар дар муҳоҷирати дуру дарози меҳнатӣ асту дар таъмини оила ва парастории фарзандон иштирок намекунад, оилаи дорои кӯдакони нимятим(фарзанди худро эътироф накардани бахше аз падарон),оилаҳои нопурраи кӯдакро ба фарзандхонӣ қабулкарда,оилаи нопурраи аз никоҳи дуюму сеюм фарзанддор шуда аз нигоҳи муҳаққиқ дур намондааст. Таҳлили чунин оилаҳо имконият додааст ӯ мафҳуми «оилаи нопурра» - ро хеле амиқ ва дуруст арзёбӣ намояд.

Дар тадқиқу таҳлили таъсиррасонии оила ба тараққиёти шахсияти кӯдакон хусусиятҳои этникии халқи тоҷик, гендерию синнусолии кӯдакон, рӯҳия ва ҳолати эмотсионалии модар, дар ҳолати бӯҳрони қарорт гирифтани ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст дар заминаи тадқиқоти олимони хориҷӣ таъсири пошхӯрии оиларо ба ҳолатҳои рӯҳӣ- эмотсионалии кӯдак аз 2-3 то 5-6 соларо шарҳ диҳад, ки онҳо дар гиря кардан, вайроншавии хоб, коҳишёбии протсесҳои маърифатӣ ва сифатҳои шахсию психологии агрессивнокӣ, зудранҷӣ, изтиробнокӣ ва ғайраҳо зоҳир мешаванд нишон диҳад (дис.40 - 55). Инчунин хусусиятҳои тағйирёбии муносибатҳои модар нисбати кӯдак, нарасидани муошировати мардона ба шаклгирии сифатҳои шахсии писарбачаҳо, иҷтимоишавии фарзандон аз нигоҳи гендерӣ ва ғайраҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ин далелҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф масъалаҳои тарбия ва инкишофи шахсияти кӯдаконро дар оилаҳои нопурра амиқ, ҳамаҷониба

омӯхта на танҳо мушкилотҳо, инчунин имконияти арзишмандии онро аз эътибор соқит накардааст.

ДардиссертатсияиСафароваЗ.Р.ёмахсусиятимуносибатҳоибайнишахсӣ дароилаҳоинопурраватаъсирионҳобаинкишофишахсиятикӯдаконисинни томактабӣ, дар зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, тиббӣ ва дар зерхати муқоиса бо оилаҳои пурра таҳлил карда шудааст, кионҳо минбаъд башаклгирии «сифатҳоизанона» ва «сифатҳоимардона» таъсири худро мерасонанд. Дуруст таъкид карда шудааст, ки норасоии дӯстдорӣ, муҳаббат яке аз омилҳои психологиест, ки метавонад дар кӯдакон бо вайроншавиҳои эмотсионалӣ ва психикӣ заминагузорӣ намояд.

Муаллиф дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои тараққиёти психикӣ ва шаклгирии шахсияти кӯдак дар оилаҳои нопурра ва махсусияти муносибатҳои байнишахсӣ дар онҳо тадқиқи эмперикии проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабиро дар муқоиса бо оилаҳои пурра методҳои тадқиқотӣ ва гурӯҳчини тадқиқшавандаҳоро интихоб намудааст, ки онҳо ба мақсад, вазифа ва фарзияи тадқиқоти мувофиқат менамояд.

Дар кори тадқиқотӣ методҳои пурсишнома,сӯҳбати психологӣ, методҳои «худбаҳодиҳии эмотсионалии шахс», « Чеҳраи мувофикро интихоб намо», бо истифодаи тестҳо «Расми кинетикии оила», «Дарки хусусиятҳои байниҳамии кӯдак» мавриди истифодабарӣ қарор гирифтааст, ки барои истифодабарии ҳар яки онҳо маводи мувофиқ, дастур, тартиби баргузоорӣ муайян шудааст. Чунин амал ба муҳаққиқ имконият додааст таҳлили микдорию сифатии натиҷаҳоро коркард намояд. Арзишмандии методҳои тадқиқотии дар боло зикршуда дар он аст, ки дар онҳо нишондодҳо ба кӯдакони озмудашаванда фаҳмо, дастрас ва иҷрошаванда(мувофиқи имкониятҳои фардию зеҳнӣ, ҳолати эмотсионалии кӯдак) пешкаш карда шудаанд. Ҳангоми баҳодиҳии миқдорию сифатӣ нишондиҳандаҳои асосӣ мувофиқи мақсаду вазифаҳои тадқиқотӣ холгузорӣ гардидааст.Маҷмӯи аломату нишонаҳои

ифодакунандаи ҳолати эмотсионалӣ, сифатҳои шахсӣ- психологии дар ҷадвали 2 вобаста ба вазъияти мусоиди оилавӣ, ихтилофнокӣ, изтиробнокӣ, ҳисси камарзишӣ, душманӣ дар вазъияти оилавӣ(дис.саҳ 95-96) ва дар ҷадвали 3 ҷанбаҳои муносибати кӯдак бо аъзоёни оила(дис.98 саҳ) ҷамъбаст карда шудааст.

Теъдодва ҳайати озмудашавандагон, ки дар тавсифи гурӯҳчин (дис. 99-102 саҳ) тавзеҳ дода шудааст, асосан кӯдакон аз оилаҳои нопурра ва пурраро дар бар гирифтааст. Хеле хуб аст, ки кӯдакони озмӯдашаванда аз руйи ҷинсият (духтарҳо, писарбачаҳо), шумораи онҳо дар оилаҳои нопурра ва пурра муайян карда шудаанд. Тибқи ин далелҳопроблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакон ба теъдоди онҳо низ вобастагӣ дорад.

Дар ҷараёни тадқиқот фарқияти нишондиҳандаҳои ду гурӯҳи тадқиқотӣ, яъне кӯдакони аз оилаҳои нопурра ва пурра ошкор карда шудаанд, ки онҳо дар дараҷаи худбаҳодиҳии эмотсионалии кӯдакон вобаста ба ҷинсият ва фарқияти назаррас (дар ҳисоби миёна ва дуршавии стандартӣ) дар ҷадвалҳои махсус тасвир гардидаанд. Фарқияти назаррасӣ худбаҳодиҳии кӯдакон дар ҷадвал (дис. 106.саҳ) ва диаграмма (дис. 108.саҳ) тавассути барномаи махсуси компютерӣ коркард ва натиҷагирӣ шудааст.

Чунин коркард ва натиҷагирӣ оид ба изтиробнокии кӯдакон, муайянкунии фарқияти назарраси нишондиҳандаҳои муносибати кӯдак дар оилаҳои нопурра ва пурра, нишондиҳандаҳои хусусияти муносибати байниҳамии кӯдакон дар оилаҳои нопурра ва пурра тавассути истифодаи методикаҳои гуногуни тадқиқотӣ, бо истифодаи нишондиҳандаҳои мувофиқи меъёрҳои Стюдент дар ҷадвал, диаграммаҳо дар диссертатсия пешниҳод карда шудаанд.Иҷрои чунин амалҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф ҳангоми коркарди натиҷаҳои аз методикаҳои муосири мутаалиқ ба тадқиқотҳои психологӣ, маҳорати истифода бурдан дора два минбаъд метавонад тадқиқотҳои илмии худро идома дода, ба

дастовардҳои нав соҳиб гардад, таҳлили алоқаи коррелятсионии нишондиҳандаҳоро роҳандозӣ намояд.

Хулосаи боби аввалро натиҷагириӣаз омӯзишу таҳлил, коркарду баррасии асосҳои илмӣ – назариявӣ ва проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдаконро дар оилаҳои нопурра дар бар мегирад. Хулосаи боби дигар бошад тадқиқу таҳлил, коркарду баррасӣ проблемаҳо дар муқоиса бо кӯдакони оилаҳои пурра дар бар мегирад, ки онҳо бо истифодаи далелҳои амиқи фактологӣ,оморӣ, математикӣ асоснок ва мантиқан ба боби аввала алоқаманд мебошанд. Тадқиқоти Сафарова З.Р. мавҷудияти проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабиро натанҳо дар оилаҳои нопурра, инчунин дар оилаҳои пурра низ нишон дод. Ин далел гувоҳи он аст, ки оила чун ниҳоди иҷтимоӣ имрӯз ба ёрии психологӣ ба волидон ва баланд бардоштани фарҳанги психологӣ – педагогӣ ниёз дорад.

Дар автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои кори тадқиқотӣ пурра ифода гардидааст. Номгуйи маводҳои нашршуда ба талаботҳо ҷавобгӯй буда, теъдоди онҳо гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ кори тадқиқотии худро пешниҳоди доираи васеъи хонандагон намудааст.

Бо баробари арзёбӣ намудани арзишмандии диссертатсияи Сафарова З.Р. мавҷудияти норасоӣ ва нуқсонҳои зайлро таъкид кардан мехоҳем:

1. Дар муқаддима асосҳои назариявӣ- методологӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот ба таҳлили назар намудан эҳтиёҷ дорад.
2. Дар саҳифаи 36, 84 такрор омадани андешаҳо дида мешаванд.
3. Маслиҳату тавсияҳо барои волидон оид ба бартарафсозии проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабӣ дар оилаҳои нопурра ва пурра дар охир мушаххас ҷудо нашудаанд.
4. Дар диссертатсия ноқисиҳои техникӣ(бо ҳам часпидани калимаҳо), имлоӣ(афтидани ҳарфҳо) ва услубӣ дида мешаванд.

Мавҷудияти норасоӣ ва нуқсонҳои дар боло овардашуда арзиши илмии кори диссертатсионии З.Р.Сафароваро паст намекунад.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи илмии Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» кори тадқиқотии бaанҷомрасида буда онба талаботи муқаррарнамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, №505 дар бораи «Тартиби додани унвон ва дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор) ба рисолаи номзадӣ аз руйи ихтисоси 19.00.05 - Психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ) ҷавобгӯ мебошад.Муаллифи он Сафарова Заррина Раҷабовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05-психологияи иҷтимоӣ сазовор дониста мешавад.

Тақриздиҳанда, доктори илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ
ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: Иззатова М.И.

Нишони: 735360,ҶТ, вилояти Хатлон
ш. Кулоб, к. С.Сафаров-16.
телефон: 918-26-35-35

Имзои доктори илмҳои педагогӣ,
дотсент, Иззатова М.И-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф.